**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ)**

Номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик як раванди таркиби анвои мутадовили насрро ба вуҷуд оварда, собиқаи иншои он то замони қабл аз ислом мерасад. Ҳифозати бахше аз номаҳои куҳан дар баробари далели возеҳи қидмати ин навъи наср дар адабиёти гузаштаи форсӣ будан шореҳи таъсири пурфайзи он ба ташаккули номанигорӣ дар қуруни баъдӣ дар қаламрави тамаддуни исломӣ ба шумор меояд. Ҳарчанд дар аҳди Сомонӣ ва даврони баъдӣ бештари номаҳо дар қолиби султониёт ва ихвониёт ба қалам омадаанд, вале нуфузи адабиёти тасаввуф дар густураи адаби форсӣ ба ривоҷи номаҳои ирфонӣ низ таъсир гузошт, ки арзиш ва аҳамияти адабии онҳо низ қобили таваҷҷуҳ ва тааммул аст.

Айнулқузоти Ҳамадонӣ аз ҷумлаи суханварони адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад, ки дар баробари хидмати арзанда гузоштан дар рушду таҳаввули анвои мухталифи осори мансур ва манзуми форсу тоҷик ба инкишофи номанигорӣ низ саҳми бориз гузоштааст. Ҳарчанд то кунун дар риштаҳои фалсафа ва адабиётшиносии тоҷик роҷеъ ба вижагиҳои дигари осори ин нависандаи соҳибназар пажуҳишҳои муайяне ба сомон расидааст, вале ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII то кунун ба таври алоҳида таҳқиқ ва баррасӣ нашудааст. Аз ин рӯ, диссертатсияи доктории Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» аз ҷумлаи аввалин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки маҷмуи вижагиҳои услубиву мавзуӣ, арзишҳои адабиву ирфонии номаҳои ин суханвари соҳибназар, ҷанбаҳои матншиносӣ, нусхашиносии ин навъ таълифоти ӯро фаро мегиранд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф барои таълифи он сарчашмаҳои фаровони адабиву таърихиро дар забонҳои форсиву арабӣ мутолиа намуда, ба истифодаи маводи таҳқиқоти фаровони дар ин замина анҷомёфта, хоса таҳқиқ ва таълифоти марбут ба зиндагинома, мероси адабиву ирфонӣ, нашрҳои асарҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки дар Тоҷикистон ва кишварҳои форсизабон аз ҷониби Наҷиб

Моили Ҳиравӣ, Афифи Усайрон, Раҳими Фарманиш, Қосими Ансорӣ ва дигарон анҷом ёфтаанд, муваффақ шудааст. Диссертант дараҷаи таҳқиқи худро ба нақду баррасии пажуҳишҳои анҷомёфта роҷеъ ба зиндагонӣ ва мероси Айнуқузот маҳдуд накарда, балки сайри иҷмолие дар робита ба номапажуҳӣ дар адабиётшиносии тоҷик ва ҷаҳон намудааст, ки арзиш ва аҳамияти таҳқиқоташро дар мавриди таърихи номанигорӣ дар адабиёти форсӣ бозгӯӣ мекунад. Дар баробари ин, дар боби дувуми диссертатсия низ як таҳқиқоти мукаммале роҷеъ ба таърихи татаввури номанигорӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик то замони Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба анҷом расидааст, ки бегумон ба сурати як рисолаи мустақил дар ин замина мебошад.

Аз автореферати диссертатсия маълум мешавад, ки таҳқиқоти роҷеъ ба зиндагинома ва мероси адабии Айнуқузоти Ҳамадонӣ анҷомдодаи муҳаққиқ низ аз чанд ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст. Дар навбати аввал барои шарҳи муҳимтарин ҷузъиёти зиндагиномаи адиб маводи фаровонеро дар асоси корбасти маълумоти сарчашмаҳо ва таҳқиқоти анҷомёфта таҳқиқ ва таҳлил намуда, ҳатто ба ибрози мулоҳизоти интиқодии хеш низ дар ҳар маврид муваффақ шудааст, ки ин шеваи баррасӣ қимати илмии диссертатсияро боз ҳам афзун кардааст.

Таҳқиқи вижагиҳои забонӣ ва шинохти арзишҳои адабии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ ба арзиши муҳими адабиётшиносии диссертатсия зам мекунад. Агар аз назари аввал диссертант идомаи суннатҳои номанигории гузаштаро дар таркиби номаҳои нависанда ба риштаи таҳқиқ кашида, бад-ин васила вижагиҳои сабкии таълифоти ӯро бозгӯӣ кунад, аз сӯи дигар бозтоби дидгоҳҳои адабиву ахлоқии нависандаро дар асоси «Номаҳо»-и ӯ таҳқиқ кардааст, ки ин шеваи баррасӣ низ қобили аҳамият мебошад. Хоса, мулоҳизаҳои ӯ дар бораи шеъру шоирӣ, ки дар он айём дар робита ба ин мавзуъ назароти зидду нақиз аз сӯи аҳли ирфон баён шудаанд, дорои аҳамияти махсус мебошанд. Аз таъкиди муҳаққиқ бармеояд, ки Айнулқузоти Ҳамадонӣ дар шинохти шеър назари махсуси худро дорад ва онро ба оинае шабеҳ намуда, ки ҳар кас ба вай рӯбарӯ шавад, сурати худро мушоҳида кунад. Ҷанбаҳои мавзуии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ низ бо шеваи ҷолиб ва баррасии махсус сурат гирифта, аз ин роҳ дидгоҳҳои адиб оид ба масоили иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва фалсафии рӯзгораш шарҳу тафсир ёфтаанд.

Баррасии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ ҳамчун сарчашмаи адабӣ ва матншиносӣ низ аз чанд ҷиҳат дорои аҳамияти муҳим аст. Дар навбати аввал муҳаққиқ назари интиқодии хешро роҷеъ ба нашрҳои то

кунун анҷомёфта баён дошта, ҳатто дар чандин маврид тавассути мурур ба нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и ӯ, ки дар ихтиёраш қарор доштаанд, гунаҳои дурусти хониши матнро изҳор ва бо ин шева зарурати тасҳеҳи ҷадиди онҳоро таъйид намудааст. Баҳсҳои муаллиф дар робита ба сарчашмаи адабӣ будани «Номаҳо» низ аз тозагиҳои муҳими адабпажуҳӣ бархурдоранд, чун бар асоси таҳқиқоти поёнбурда дар ин замина на танҳо ашъори худи шоирро дақиқ ва мушаххас намудааст, балки аҳамияти ин навъ осори адиброро дар тасҳеҳи ашъори устод Рӯдакӣ, Саноии Ғазнавӣ ва шоирони дигари асрҳои IX-XII баён доштааст.

Натиҷагириҳои муҳаққиқ низ аз баҳсу баррасиҳои доманадори диссертатсия хеле ба тафсил сурат гирифтааст. Дар 30 банди назарӣ ва 9 тавсияи амалӣ пешниҳод шудани хулосаҳои диссертатсия худ гувоҳи он аст, ки диссертант ба таълифи як рисолае муваффақ шудааст, ки хеле аз масоили марбут ба зиндагинома ва вижагиҳои муҳими номанигорӣ дар адабиёти форсу тоҷик дар мисоли номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ ба сурати мудаллал ва мушаххас ҷаъбаст намояд.

Ба таври куллӣ, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи мавриди тақриз як самти тозаи таҳқиқӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, дар он «Номаҳо»-и Айнулқузот ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд. Аз рӯи диссертатсия нашр шудани 1 монографияи илмӣ ва 65 мақола, ки аз ҷумлаи онҳо 24 ададашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, бегумон аз вусъати фаъолияти босамари илмии муаллиф паём мерасонанд.

Дар баробари ин дастовардҳои назаррас мушоҳида мешавад, ки дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо арзиши илмии онро боз ҳам меафзоянд:

1. Бахши дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар муқаддима хеле муфассал шарҳу тавзеҳ ёфтааст, ки аз огоҳии комил ва мутолиаи фарохи муаллиф паём мерасонад. Вале ба мушоҳида мерасад, ки диссертант ба масъалаи таҳқиқи мероси Айнулқузот, асосан, ба пажуҳишоти олимони кишварҳои форсизабон такя кардааст. Ба масъалаи пажуҳиши осори нависанда дар ховаршиносии русиву аврупоӣ камтар таваҷҷуҳ шудааст.

2. Фасли аввали боби чоруми рисола ба баррасии нусхаҳои хаттии «Номаҳо»-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ бахшида шудааст. Аз таҳқиқ равшан мешавад, ки диссертант асосан андешаҳои хешро роҷеъ ба замони китобат, навъи хат ва арзиши 9 нусхаи хаттии “Номаҳо”-и Айнулқузоти Ҳамадонӣ, ки дар китобхонаҳои маъруфи Сипаҳсолор (Теҳрон), Коруллоҳ (Истанбул),

шаҳид Алӣ Пошо (Истанбул), мавқуфоти Мурод Мулло (Истанбул), Китобхонаи миллии Порис, Бритиш Мюземи Лондон, Китобхонаи миллии Теҳрон, Китобхонаи Нофиз Пошо (Истанбул) ва Китобхонаи Тири Наҷиб Пошо маҳфузанд, баён доштааст. Ба андешаи мо, ҳадди ақал аз рӯи феҳристҳои мавҷуда муаллиф дар бораи нусхаҳои хаттии осори Айнулқуззоти Ҳамадонӣ дар китобхонаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ низ андешаҳои хешро баён медошт, арзиши диссертатсия боз ҳам боло мерафт.

Дар асл эродҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертатсия коҳиш намедиҳанд. Дар умум метавон гуфт, ки диссертатсияи доктории **Зоиров Ҳалимҷон Зоҳидҷонович** дар мавзуи «Айнулқузоти Ҳамадонӣ ва ҷойгоҳи «Номаҳо»-и ӯ дар насри форсу тоҷики асри XII (таҳқиқи вижагиҳои адабиву услубӣ, матншиносӣ ва нусхашиносӣ)» ба муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00- Адабиётшиносӣ (10.01.08 - Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Муқарризон**:
доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷии донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **С.Саъдиев**

доктори илмҳои филологӣ,
мудири кафедраи филологияи тоҷик
ва забонҳои шарқи хориҷии донишгоҳи давлатии
Самарқанд ба номи Шароф Рашидов **С.Х.Хӯҷақулов**

«Имзои С.Саъдиев ва С.Хӯҷақуловро тасдиқ мекунам».
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи давлатии Самарқанд
ба номи Шароф Рашидов **И. Бӯриев**

_____________ning imzosini
tasdiqlayman
Sharof Rashidov nomidagi
SamDU xodimlar bo'limi boshlig'i

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI SHAROF RASHIDOV NOMIDAGI SAMARQAND DAVLAT UNIVERSITETI XODIMLAR BO'LIMI

**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 140332, Ҷумҳурии Ӯзбекистон,
ноҳияи Самарқанд, Янги ҳаёт-2, хонадонии 99
Почтаи электронӣ: sirojiddinxodjaqulov1976@gmail.com
Тел.: (+998) 91 536-74-88

**01.05.2024**